**Густариш додани имкониятҳо барои занони соҳибкор дар деҳоту ноҳияҳои Тоҷикистон**



Ширингул Нурова баҳрагирандаи Лоиҳаи “Тиҷоратикунонии соҳаи кишоварзӣ” аз ноҳияи Шаҳринави Тоҷикистон (акс аз ҷониби Нозим Қаландаров барои Бонки Ҷаҳонӣ)

---

Соҳаи кишоварзӣ дар иқтисоди Тоҷикистон нақши муҳим дорад. Ҳарчанд замини корам ҳамагӣ 7%-ро ташкил диҳад,  соҳаи кишоварзӣ бошад 48%-и шуғл ва 23%-и ММД-и Тоҷикистонро таъмин менамояд.

Аммо мушкилоте, аз қабили дастрасии маҳдуд ба технологияи мукаммал, молия, бозор, манбаъҳои асосии истеҳсоли кишоварзӣ, аз қабили тухмӣ ва нуриҳои минералӣ ва омӯзиши нокифоя ба деҳқонони хурд имкон намедиҳад, то онҳо тиҷорат ва даромади худро афзоиш диҳанд ва аз бозорҳои дохилӣ ва содиротӣ пурра истифода баранд. Ин махсусан ба занони соҳибкоре тааллуқ дорад, ки ба ғайр аз ин кори иловагӣ, аз қабили нигоҳубини кӯдак ва пеш бурдани рӯзғорро низ ба ӯҳда доранд. Дар Тоҷикистон ба далели маҳдуд будани имконоти иқтисодӣ, ҳар даҳумин шаҳрванд, асосан мардон дар хориҷи кишвар кору фаъолият мекунанд. Гузашта аз ин, занони кишоварз дар Тоҷикистон нисбат ба мардон камтар дорои дороиҳо ҳастанд ва дастрасӣ ба захираҳо ва хидматҳо доранд.

Ин аст, ки барои Ширингул Нурова, як деҳқони кӯчак аз ноҳияи Шаҳринав, дастрасӣ ба маблағгузории хоҷагии ӯ як омили ҳалкунанда шудааст. Ӯ барои гирифтани қарз ба як ташкилоти қарзии хурди маҳаллӣ муроҷиат кард ва дар баробари ин гранти баробарҳиссаро аз лоиҳаи “Тиҷоратикунонии соҳаи кишоварзӣ”, ки аз ҷониби Бонки Ҷаҳонӣ маблағгузорӣ мешавад, дарёфт намуд.

Лоиҳа тавассути дастгирии деҳқонон ва корхонаҳои хурду миёна дар манотиқи деҳоти Тоҷикистон тавассути дастрасӣ ба қарзҳо, грантҳо ва дониш ба имкониятҳои иқтисодӣ, соҳибкорӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ мусоидат мекунад.

Ширингул Нурова бо дастгирии Лоиҳа барои худ гармхона сохта, ҳоло дар онҷо бодиринг парвариш мекунад.

«Ман 1,5 гектар замин дорам ва қаблан ману шавҳарам дар онҷо танҳо дар фасли гармо сабзавот мекоридем. Холо бошад, мо аз хисоби гармхона имконият дорем, ки тамоми сол сабзавот руёнем. Мо метавонем маҳсулотамонро ҳам дар моҳҳои гарм ва ҳам дар сармо фурӯшем ва тамоми сол даромад ба даст орем”, - мегӯяд Ширингул.

Дар гармхона 7 нафар машғули кор ҳастанд, ки се нафари онҳо занони сокини деҳаи ӯ мебошанд.

«Аксар вақт мардон барои дарёфти пул ба муҳоҷирати меҳнатӣ мераванд ва барои занон пеш бурдани рӯзгор мушкил аст. Ман шодам, ки се зани ҳамсояро бо кор таъмин карда тавонистам. Ман ҳамчунин онҳоро бо хӯроки гарм ҳангоми хӯроки нисфирӯзӣ таъмин менамоям, - мегӯяд Ширингул.

Умед Улуғов, роҳбари ташкилоти ҷамъиятии "Пешсаф", таъкид намуд, ки нишон додани муваффақияти афроди мисли Ширингул Нурова муҳим аст, чунки метавонад барои занони дигар дар ҷомеа намунаи ибрат бошад, ки ғояҳои тиҷоратӣ доранд, вале аз дархости маблағгузорӣ худдорӣ мекунанд. ТҶ “Пешсаф” дар якҷоягӣ бо ду ташкилоти шарики дигар тадбиқи лоиҳаро тавассути баланд бардоштани сатҳи огоҳии аҳолии мақсадноки Лоиҳа, аз қабили ҷавонон, занон ва маъюбон дар бораи имкониятҳои маблағгузорӣ, дастгирӣ дар таҳияи нақшаҳои тиҷоратӣ ва кӯмак ба довталабон дар раванди пешниҳоди дархостҳо, мусоидат менамоянд.

«Фаъолиятҳои Лоиҳа ба устувории соҳаи кишоварзӣ саҳм гузошта, ба таъсиси ҷойҳои корӣ дар деҳот ва беҳтар намудани сатҳи зиндагии мардум ва вазъи молиявии онҳо мусоидат менамояд», - мегӯяд Умед Улуғов.

**Теклу Тесфае, роҳбари Лоиҳаи “Тиҷоратикунонии соҳаи кишоварзӣ”** мегӯяд: «Тоҷикистон дорои имконоти зиёди соҳибкорӣ мебошад, ки пурра истифода намешаванд». «Аз ин рӯ, мо лоиҳаро аз тамаркузи аслии он ба соҳаи кишоварзии ибтидоӣ, яъне афзоиши истеҳсолот, ҳосилнокӣ ва тиҷоратӣ, фароҳам овардани имкониятҳои соҳибкорӣ барои аҳолии осебпазир, аз ҷумла ҷавонон, занон ва маъюбон тавассути маблағгузории қисмати Лоиҳа оид ба омӯзиши соҳибкорӣ ва хидматрасониҳои рушди соҳибкорӣ густурдем. Ин равиш имкон дод, то дониш ва малакаҳои тиҷоратиро афзоиш дода ва ба ин васила корхонаҳои нав ҳавасманд гардида ва корхонаҳои мавҷуда бошад густариш ёбанд ва дар ниҳоят ҷойҳои кории нав ва маоши хубтар фароҳам оваранд.”

Аз соли 2017 то инҷониб Лоиҳа тавассути грантҳои баробарҳисса 130 стартапҳоро ба маблағи умумии 1,8 миллион доллари ИМА дастгирӣ намуд, аз ҷумла 90 стартапҳо аз ҷониби ҷавонон, 35 нафар занон ва 5 нафар маъюбон буданд. Илова бар ин, бо дастгирии Лоиҳа беш аз 2800 деҳқон, аз ҷумла беш аз 1300 нафар занон барои баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо, густариши тиҷорат ва беҳтар намудани дастрасӣ ба бозорҳои дохилӣ ва минтақавӣ ба маблағи 4 миллион доллари ИМА грант дарёфт намуданд.



Ширингул Нурова тавонист гармхонаро бунёд намояд ва ҳафт нафарро бо дастгирии Лоиҳаи “Тиҷоратикуноиии соҳаи кишоварзӣ” ба кор кироя намояд. (акс аз ҷониби Нозим Қаландаров барои Бонки Ҷаҳонӣ)

---

Тавассути Лоиҳаи “Тиҷоратикунонии соҳаи кишоварзӣ” ҳазорон занони кишоварз ба мисли Ширингул Нурова имкониятҳои тиҷоратии худро васеъ намуда, ҷойҳои корӣ эҷод мекунанд ва ба хонаводаҳои худ сармоягузорӣ мекунанд ва ҳамин тариқ ояндаи дурахшони оилаҳои худ ва ҷомеаҳои худро таъмин менамоянд.

«Мо аз гармхона даромади хуб мегирем. Дар фасли зимистон нархи сабзавот боло меравад, барои ҳамин ҳам мо метавонем дар фасли сармо даромади бештар ба даст орем ва вазъи молиявиамонро беҳтар намоем”, - мегӯяд Ширингул. “Орзуи ман ин аст, ки то тавонам ба ҳамаи фарзандонам, бахусус духтаронам маълумоти олӣ диҳам”.

---



Ширингул Нурова мегӯяд, ки орзӯи ӯ ин аст, ки то тавонад ба ҳамаи фарзандонаш, бахусус духтаронаш маълумоти олӣ диҳад, то ин ки онҳо тавонанд соҳиби касби худ гарданд. (акс аз ҷониби Нозим Қаландаров барои Бонки Ҷаҳонӣ).

Манбаи маълумот: https://www.vsemirnyjbank.org/ru/news/feature/2022/03/08/expanding-business-opportunities-for-women-farmers-in-tajikistan.print